«Тасдиқ менамоям»
Ректори Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ д.и.п., профессор
________ Мирализода А.М.
«___»__________2020

# ТАҚРИЗИ

муассисаи тақриздиҳанда ба диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯйи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа

## Муҳиммияти таҳқиқи мавзуъ

Воқеан ҳам таҳлилу омӯзиши масъалаи таснифи илмҳо дар таърихи фалсафа аз замонҳои қадим, то ҳанӯз идома дошта, меъёрҳои таснифоти он дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ хусусиятҳои ба худ хос дорад. Аз ҷумла, дар аҳди бостон таснифи илм ба таври пароканда дар заминаи устура ва таърихи илм ба тарзи гуногун тақсимбандӣ шудааст.

Давраҳои атиқаи тақсимбандии илмро таълимоти Афлотун, Арасту ва баъдан дар асрҳои миёна таълимоти намояндагони фалсафаи машшоия А. Форобӣ, Ибни Сино, Насириддини Тусӣ, Қутбиддини Шерозӣ, Ибни Халдун ва дигарон ташкил додааст, ки дар бобҳои алоҳидаи диссертатсия мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

Мактаби машшоиёни шарқӣ дар таърихи фалсафаи асримиёнагии тоҷик аввалин таълимотест, ки пайравони он бевосита дар масъалаи таснифи илм таҳқиқотҳои махсус ва арзишмандро анҷом додаанд. Мактаби мазкур дар асрҳои миёна яке аз мутародифоти мактаби фиқҳию каломӣ ба ҳисоб мерафт, ки озодандешӣ ва биниши ҳастишиносиву маърифатшиносиро дар фалсафаи тоҷик асос гузошт ва ба муқобили ақидаҳои ифротии замони хеш мубориза бурдааст. Омӯзиши осори

намояндагони машшоияи шарқӣ кумак мекунанд, то мо муқобили ақидаҳои ҷазмию ифротӣ мубориза барем.

Яке аз намояндагони барҷастаи ин мактаб Абунасри Форобӣ, унвони иффаткории «муаллим Сонӣ» - ро дорад, асари маъруфи худ «Иҳсо ал – улум» – ро таълиф кардааст, ки дар он аввалин усулу таснифоти илмро дар асоси пайванди мантиқию мавзӯи тақсимбандӣ кардааст.

Асари мазкур то ба ҳол арзиши худро, чӣ дар Шарқ ва чӣ дар Ғарб аз даст надодааст. Аммо, дар таснифи ӯ усулҳои мантиқи арастуӣ ҷойгоҳи асосӣ дорад. Дар ин поя Ибни Сино ҳамчун пайрави муваффақи Абунасри Форобӣ таснифоти илмро ҳамчун равиш (метод) ё равишшиносии (методологияи) илмӣ дар осори худ такмил бахшидааст.

Ҳамчунин таснифи илм аз тарафи донишмандони араб, ки онҳо илмро ба арабӣ ва ғайриарабӣ, нақлӣ ва ақлӣ, шаръия ва ғайри шаръия тақсим карданд, идома ёфтааст.

Таснифи илм ҳамчун масъалаи муҳимми илмӣ дар замони собиқ Иттиҳоди Шӯравӣ мавриди тадқиқ қарор гирифта буд, вале муҳаққиқони ин давра бештар такя ба таснифоти илмҳои табиатшиносӣ доштанд (Кедров Б.М., Барсуков И.С., Ушанов Е.В. ва дигарон).

Муҳаққиқони тоҷик М. Диноршоев, Муҳаммад-Алӣ М., А. Шамолов, Р. Камолов, М. Назаров, А. Шохумаров, Х. Додихудоев, Р. Назариев, У. Султонов ва дигарон низ дар рисолаҳои илмии хеш оид ба масъалаи таснифи илм изҳори назар кардаанд.

Донишмандони эронӣ Забеуллоҳи Сафо, Сайд Ҳусайни Наср, Алиасғари Ҳалабӣ, Ёралии Курдфирӯзҷонӣ, Муҳаммад Рашид ва дигарон низ дар ин масъала таҳқиқоти ҷолиб анҷом додаанд, ки дар рисола мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Муҳиммияти дигари масъаларо таъсири тақсимбандии илми мактаби фалсафии машшоиёни шарқӣ ҳамчун замина барои эҳёи

таснифоти илмҳо дар Аврупо, ки то ҳол арзиши худро гум накардааст, ташкил додааст.

Чунонки мушоҳида мешавад, аксари муҳаққиқон дар атрофи масъалаи таснифоти илм андешаҳои худро баён кардаанд, вале пажӯҳиши махсус дар ин масъала то ҳанӯз анҷом наёфтааст.

Бо назардошти гуфтаҳои боло омӯзиши мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо» муҳим ва саривақтӣ мебошад.

## Муҳтавои асосии диссертатсия

Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат мебошад. Чун анъана дар муқаддимаи диссертатсия муҳиммияти омӯзиши мавзӯъ асоснок карда шуда, сатҳи омӯзиши мавзуи интихобшуда, таҳлилу баррасӣ гардида, мақсад ва вазифаҳои таҳқиқот нишон дода шудаанд. Инчунин, дар муқаддима асосҳои методологии таҳқиқот, навоварии илмӣ, бандҳои муҳимми барои ҳимоя пешниҳодшаванда, аҳамияти назариявию амалии таҳқиқот, сатҳи татбиқи натиҷаҳои таҳқиқот ва сохтори диссертатсия нишон дода шудаанд.

Дар боби якуми диссертатсия «Сарчашмаҳои ғоявӣ ва назариявии таснифоти илм дар фалсафаи асрҳои миёнаи тоҷик» номгузорӣ шуда, масъалаи таснифоти илм ба сифати яке аз мушкилоти асосии фалсафаи илм мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Дар зербоби аввали боби мазкур муаллиф дар заминаи омӯзиш ва таҳлили адабиёти илмӣ ва баррасии назарияҳои гуногун асосҳои методологии назарияи таснифоти илмро мавриди таҳқиқ қарор додааст. Дар зербоби мазкур одилона қайд карда шудааст, ки яке аз хусусиятҳои моҳиятдори тамоми таснифоти илм ин робитаи байни илмҳоро муайян сохтан аст, ки ягонагӣ ва низоми муайянеро ба вуҷуд меорад (саҳ. 20). Дар ин зербоб инчунин масъалаи пайдарҳамӣ ва муносибати байниҳамдигарии илмҳо низ баррасӣ шудааст.

Дар зербоби дуюми боби аввал сарчашмаҳои назариявии таснифоти илм дар таълимоти фалсафии асрҳои миёна мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Ба андешаи муаллифи рисола, аввалин низоми таснифоти илм дар таърихи фалсафа, ки ба таври назарӣ ва асоснок донишҳоро тасниф карда буд ва ҳамчун сарчашмаи бештари таснифҳои баъдина қарор гирифтааст, аз он ҷумла мабодии таснифи машшоиёни шарқи исломӣ, фалсафаи атиқа дар Юнони Қадим мебошад (саҳ.19).

Дар зербоби сеюми боби мазкур масъалаи даврабандии таърихи пайдоиш ва марҳилаҳои ташаккули фалсафа ва илмҳо мавриди омӯзиш қарор дода шудааст. Муаллиф таърихи табақабандии фалсафа ва илми тоҷикро ба се давра (давраи бостони тоҷик тозардуштӣ, зардуштӣ ва баъди зардуштӣ), афкори фалсафаи Эронзамин дар аҳди Ислом ва фалсафаи муосир тақсим намуда, одилона қайд намудааст, ки фалсафа ва илм дар фарҳанги қадима аз дохили устура берун омадааст. Фарҳанги устуравӣ, ки бахши тахаюлоти зеҳни инсон аст, ҳамеша вуҷуд дошт ва дорад (саҳ.76). Дар ин зербоб инчунин муаллиф оинҳои меҳрпарастӣ, оташпарастӣ, Маздоясно, Монӣ, Зардуштӣ, Маздакия ва дигарҳоро мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст.

Дар боби дуюми диссертатсия, ки он «Назарияи таснифоти илм дар фалсафаи Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино» номгузорӣ шудааст, аз се зербоб иборат буда, дар онҳо асосҳои методологии таҳлили назария ва амалияи таснифоти илм, тартибу таркиб ва вазифаҳои илмҳои назарӣ ва амалӣ мавриди омӯзиш ва баррасии илмӣ қарор дода шудааст.

Дар зербоби аввали боби дуюм қайд карда шудааст, ки маърифати олам дар асосҳое ташаккул меёбад, ки ин асосҳо метавонанд илмӣ ва ғайриилмӣ буда, дар мартабаҳои гуногун ҷойгир шаванд. Усулҳои маърифати олам ё равишҳои маърифати олам аз назари Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино ин мартабаҳои олам мебошанд, ки ба чаҳордаҳ қисмати зерин тақсим гардидааст: тахайюлот, маҳсусот, муҷарраббот (таҷрибиёт), мутавотирҳо (пайдарпай), аввалиёт, муқаддимоти фитрӣ,

қиёсҳо, ваҳмҳо, машҳуроти мутлақа, машҳуроти маҳдуда, мусалламот, мушаббаҳот, мақбулот, машҳуроти дар ибтидо оқибате дар пай надоранда, шубҳаву гумонҳо. Ин асосҳо усули мавзӯъҳо ва мадхали илмҳо номида мешавад, ки муаллим шогирдро ба он вомедорад, ки ин мабодиро қабул кунад ва имкон медиҳад, масъалаҳои дигареро дар ин асос барои маърифати олам ба тартиб дарорад (саҳ. 103-104). Дар ин зербоб инчунин назари Абунасри Форобӣ ва Ибни Сино оид ба илми мантиқ мавриди баррасӣ қарор дода шудааст.

Зербоби сеюми боби дуюм ба омӯзиши таркиби илмҳои амалӣ: ахлоқ, оиладорӣ, шаҳрдорӣ бахшида шудааст. Дар ин зербоб муаллифи рисола назари Абунасри Форобӣ ва Ибни Синоро оид ба моҳияти инсон, оиладорӣ, ахлоқ, сиёсати мудун (шаҳрдорӣ, ҷомеадорӣ) мавриди таҳқиқ қарор додааст.

Диссертант нуқтаи  назари файласуфи маъруфи тоҷик М. Диноршоевро оид ба улуми амалӣ таҳлил намуда қайд мекунад, ки «Масоили улуми амалиро М. Диноршоев аз омӯзиши моҳияти инсон оғоз менамояд. Чунин масъалагузорӣ гарчанде дар осори Ибни Сино пайгирӣ нашудааст, аммо дидгоҳи таҳқиқии М. Диноршоев чунин дидгоҳи амиқу ҳамаҷонибаи илмиро дар омӯзиши улуми амалӣ зарур медонад» (саҳ.211).

Ба андешаи муаллифи диссертатсия, равиши Ибни Сино дар назарияи таснифи илм бо пайравӣ аз Арасту ва Абунасри Форобӣ шакл гирифтааст, лекин бо ин фарқият, ки Ибни Сино танҳо аз равиши истидлоли бурҳонии Арасту ҷонибдорӣ карда, равиши собиқаи таърихии андешамандонро аҳамият намедиҳад, яъне бештар аз равиши таҳлилӣ кор гирифтааст, на аз равиши таърихӣ ва ҷадалӣ (диалектикӣ). Таъкид шудааст, ки шояд пайравӣ накардани Ибни Сино аз равиши таърихӣ ва ҷадалӣ аз он сабаб бошад, ки дар замони  Ибни Сино ин масъалаҳо хеле зиёд баррасӣ шуда буданд, аз ин хотир аз ин равишҳо чашм пӯшидааст.

Дар зербоби мазкур, инчунин фарқ байни Ибни Сино, Арасту, Афлотун ва Абунасри Форобӣ дар фаҳмиши таркиби илмҳои амалӣ баррасӣ шудааст.

Дар боби сеюми диссертатсия, ки «Аҳамияти илмӣ ва методологии таснифоти илм дар фалсафаи машшоияи шарқӣ бар ташаккули фалсафаи асримиёнагии тоҷик» номгузорӣ шудааст, бештар таъсири назарияи таснифоти илмии машшоияи шарқӣ ба рушди назарияи таснифоти илм дар таърихи фалсафаи тоҷик баррасӣ гардидааст.

Дар зербоби аввали боби мазкур муаллифи рисола муносибати Муҳаммади Ғазолиро ба назарияи таснифоти илм мавриди таҳлилу баррасӣ қарор додааст. Дар ин зербоб қайд мегардад, ки Абӯҳомид Муҳаммади Ғазолӣ яке аз мунақидони мактаби машшоии шарқӣ буд, ки бо китоби «Эҳё ал-улум ад-дин» тавонист дар таснифи улуми динӣ - нақлӣ бо тафаккури фалсафию ахлоқӣ ва ирфонӣ илмҳои замони худашро бори дигар табақабандӣ намояд (саҳ.231).

Зербоби дуюми боби сеюм ба омӯзиши таъсири назариявии таснифоти илми машшоияи шарқӣ ба рушди таълимоти таснифи илм дар таърихи фалсафаи тоҷик бахшида шудааст. Дар ин зербоб одилона қайд мегардад, ки таснифи илмҳо аз ибтидо ҳамеша дар таърихи илмҳо ҳамчун методология барои ҷудо сохтани мавзӯъҳо, масъалаҳо, назарияҳо ва қонунмандии ҳар як илм муҳим буд ва имрӯз низ он чунин муҳиммияти худро аз даст надодааст. Ба андешаи муаллиф, мактаби машшоии шарқӣ таснифи илмҳоро бо эҷодкорӣ ба асоси ҳамон мантиқи арастуӣ, навъе табақабандии мантиқиеро риоя карданд, ки то ба имрӯз арзиши худро гум накардааст ва ҳамчун яке аз сарчашмаҳои муҳим дар омӯзиши таърихи таснифи илмҳои асрҳои миёнаи тоҷик мавриди омӯзиш қарор дорад. Чунин тасниф сабаб гашт, ки чандин илм аз дохили илмҳои мавҷудаи ҳар марҳила берун ояд (саҳ.269).

Зербоби сеюми боби мазкур «Таснифи илмҳо омили асосии кашфиётҳои илмӣ дар фалсафаи асримиёнагии тоҷик» номида шудааст. Дар ин зербоб муаллиф қайд менамояд, ки масъалаи таснифи илмҳо дар асрҳои миёна ба дунболи нақли улуми ақлӣ ва мантиқӣ аз Юнон ба олами ислом мавриди таваҷҷуҳи донишмандони асримиёнагӣ воқеъ шуд, ки донишмандон ҳам дар илмҳои ақлӣ ва ҳам дар илмҳои амалӣ ба дастовардҳои муҳим комёб шуданд. Инчунин, кашфиёт дар илм сурат гирифтанд, ки баъдан ҳамчун заминаи эҳё дар Аврупо гаштанд, аммо Шарқи асримиёнагӣ, то ба ҳол натавонист ба ренессанс расад. Ба андешаи муаллиф рисола, шояд яке аз сабабҳояш дар он бошад, ки аслан дар Шарқ ба илм ва олим бовар надоштанд, фақат дар асоси бовариҳои динӣ худро маҳдуд карда, кӯшиш карданд дигар фаҳмишҳои худро дар фаҳмишҳои мазҳабӣ мутобиқат созанд. Аз ин сабаб ба ибтикоре даст наёфтанд (саҳ.277).

Дар хулосаи рисола натиҷаи таҳқиқоти анҷомёфта ҷамъбаст гардида, пешниҳодҳо ва тавсияҳои амалӣ дар бораи аҳамияти мактаби машшоиёни шарқӣ, ки озодандешӣ ва биниши ҳастишиносиву маърифатшиносӣ ва хусусан таснифи илмҳоро асос гузоштааст, нақшбандӣ шудаанд.

## Навгонии таҳқиқот

Таҳлилу омӯзиши сатҳи илмии мавзӯъ нишон медиҳад, ки аксари муҳаққиқон дар атрофи масъалаи таснифоти илм баҳс кардаанд, вале пажӯҳиши махсус оид ба мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо» то ҳанӯз анҷом наёфтааст. Инчунин, ҷиҳатҳои алоҳидаи навоварии илмӣ дар бандҳои зерин ифода гардидаанд: дар заминаи омӯзиши сарчашмаҳои илмӣ ва баррасии нуктаҳои назари мутафаккирон, махсусан, машшоиёни шарқӣ оид ба масъалаи таснифоти илм таҳқиқоти арзишманд ба анҷом расонида шудааст; масъалаи асосҳои методологии таҳлили назария ва амалияи таснифоти илм, тартибу таркиб ва вазифаҳои илмҳои назариявӣ

ва амалӣ таҳқиқ гардидааст; таъсири назарияи таснифоти илмии машшоиёни шарқӣ ба рушди назарияи таснифоти илм ва гузаштан ба давраи Эҳё дар Ғарб мавриди омӯзиш қарор дода шудааст, асосҳои методологии таснифоти илм дар таълимоти Абӯнасри Форобӣ ва Ибни Сино мавриди омӯзиш қарор дода шуда, равишҳо ва хусусиятҳои фарққунандаи онҳо нишон дода шудааст; таҳқиқи таснифоти илм ҳамчун масъалаи муҳими илмӣ аз тарафи муҳаққиқони муосири тоҷик М. Диноршоев, М. Муҳаммад- Алӣ, Р. Назариев, Р. Комилов, А. Шамолов, М. Назаров ва дигарон мавриди омӯзиш қарор дода шудааст; аҳамияти таснифи илмҳо дар шинохти илмҳои асримиёнагии тоҷик ҳамчун бозгӯкунандаи мавҷудияти ақидаҳои ифротӣ ва зидди озодандешии ҷаҳони имрӯза мавриди омӯзиш қарор дода шуда, оид ба гуфтугӯ ва боҳамназдикшавии фарҳангҳои Шарқу Ғарб тавсияҳои амалӣ пешниҳод гардидаанд.

## Аҳамияти назариявию амалии натиҷаҳои таҳқиқот

Аҳамияти назариявии натиҷаҳои таҳқиқот пеш аз ҳама, аз он иборат аст, ки дар диссертатсия мактаби машшоиёни шарқӣ ҳамчун аввалин таълимоте, ки дар таърихи фалсафаи асримиёнагии тоҷик пайравони он бевосита дар масъалаи таснифи илм таҳқиқоти махсус анҷом додаанд, ки то ба имрӯз дар методологияи пажӯҳишҳои илмӣ мавриди истифода қарор дорад, таҳлилу тадқиқ гардидааст. Маводи бадастомада дар ин ҷода метавон ҳамчун роҳнамо барои шинохти дурусти мавзуъҳои илмӣ истифода бурда шавад.

Маводҳои диссертатсияро ҳамчунин метавон дар таҳияи нақшаҳо ва барномаҳои таълимӣ, навиштани рисолаҳои номзадӣ ва докторӣ, таҳияи таърихи фалсафаи илм, методологияи илм, фарҳангшиносӣ, фалсафаи иҷтимоӣ ва ғайра мавриди истифода қарор дод. Натиҷаҳои диссертатсия ҳамчунин метавонад ба сифати маводи таълимӣ барои донишҷӯёни муассисаҳои таълимоти олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, унвонҷӯён, аспирантон, докторантон истифода бурда шавад. Бозёфтҳову

хулосаҳои таҳқиқоти мазкур имкон медиҳад, ки муҳаққиқони фалсафаи асримиёнагии тоҷику форс ба пажӯҳиши осори мутафаккирони он рӯзгор аз нигоҳи тоза бештар машғул шаванд.

Маводи таҳқиқотро инчунин метавон дар мубориза бар зидди афкори тундравонаи зуҳуроти манфии муосир истифода бурд.

## Эътимоднокии хулосаҳои таҳқиқот

Таҳқиқоти мазкур дар заминаи омӯзиш ва таҳлили осори мутафаккирони тоҷику форс ва намояндагони фалсафаи машшоиёни шарқӣ оид ба таснифоти илм ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо анҷом дода шудааст. Хулосаҳои муаллиф ва натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ асоснок гардидаанд. Инчунин, дар раванди таҳқиқот муаллиф методҳои илмии мувофиқро мавриди истифода қарор додааст. Эътимоднокии хулосаҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот бо методҳои истифодашудаи муаллиф асоснок карда шудаанд.

Натиҷаҳои асосии диссертатсия дар мақолаҳои илмии муаллиф инъикос гардида, дар маҷалаҳои илмии тақризшаванда нашр гардидаанд. Рисола ва нашрияҳои илмии муаллиф бо риояи қоидаҳои иқтибосоварӣ таҳия гардида, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда тибқи талабот нишон дода шудаанд. Автореферати рисола муҳтавои асосии таҳқиқотро дар бар гирифтааст.

## Норасоиҳои диссертатсия

Новобаста аз муваффақиятҳо, дастоварду далелҳои илмӣ кори диссертатсионии Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо аз камбудӣ ва норасоиҳо холӣ нест, ки онҳоро метавон ба таври зайл иброз намуд.

1. Бояд ёдовар шуд, ки мафҳуми калидии диссертатсияро «Фалсафаи машшоиёни шарқӣ» ташкил додааст, вале дар таҳияи мундариҷаи рисола танҳо, дар зербоби сеюми боби сеюм омадааст.

2. Хуб мебуд, ки дар пешгуфтори зербанди сеюми боби якум (саҳ. 19) дар бораи равиш (метод) ва равишшиносӣ (методология), маълумоти

мухтасар дода мешуд, чунки онҳо на танҳо бо ҳамдигар, инчунин бо таснифоти илм ва таърихи он алоқамандии ногусастанӣ доранд.

3. Дар баъзе нуқтаҳои матни диссертатсия номи муҳаққиқони шинохта хато навишта шудааст. Аз ҷумла, дар саҳифаи 19 номи Регина Семёновна Карпинская, ки намояндаи намоёни назарияи коэволютсия мебошад, В.С. Картинская омадааст.

4. Инчунин хуб мебуд, ки дар доираи як зербоби алоҳида муносибати Муҳаммад Закариёи Розӣ ба назарияи таснифоти илм баён мегардид. Дар бораи шаъну шуҳрат ва саҳми мутафаккир дар фаҳмиши илмҳои физика, риёзиёт, химия, тиб ва фаҳмиши манзараи илмии олам донишмандони ватанию хориҷӣ баҳои пурарзише додаанд. Аз ҷумла, файласуфи маъруфи тоҷик Мусо Диноршоев қайд менамояд, ки аз таҳлили осори Муҳаммад Закариёи Розӣ маълум мегардад, ки ӯ дар ҳамаи соҳаҳои олам маълумот доштааст. Дар фалсафа ӯ тарафдори таълимоти моддигароӣ оид ба олам буд.

Бояд қайд намуд, ки бештари камбудиҳои ҷойдошта характери пешниҳодӣ дошта, мазмун ва муҳтавои кори диссертатсиониро коста намекунанд. Ба муаллиф тавсия мегардад, ки дар таҳқиқотҳои минбаъдаи худ онҳоро ба инобат гирифта, мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор диҳад.

## Мутобиқати диссертатсия ба меъёрҳои муқарраргардида

Диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо ба омӯзиши яке аз мавзӯъҳои печида ва норӯшани таърихи илми тоҷик бахшида шудааст, ки ин иқдоми хеле муҳим мебошад. Диссертсияи мазкур кори анҷомёфтаи мустақилона мебошад, ки сохтори он тибқи талаботи муқарраргардида таҳия шудааст. Дар раванди таҳқиқот миқдори зарурии адабиёти илмӣ истифода гардидааст. Адабиёти истифодашуда ба мавзӯи таҳқиқот ва масъалаҳои баррасигардида робитаи бевосита доранд. Дар маҷмӯъ, адабиёти омӯхташуда, маводи истифодашуда, баррасиҳои муаллиф, хулосаҳои асосии диссертатсия, мазмуну

мундариҷаи он, методҳои илмии истифодагардида бо ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мувофиқат менамоянд.

Ҳамин тариқ, диссертатсияи Ниёзӣ Ёрмаҳмад Бобо дар мавзӯи «Таснифоти илм дар фалсафаи машшоиёни шарқӣ ва таъсири он ба таснифоти муосири илмҳо» ба талаботи пешбинишудаи бандҳои 10-16 «Тартиб додани дараҷаҳои илмӣ ва унвони илмӣ», ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 ноябри соли 2016, №505 тасдиқ шудааст, ҷавобгӯ мебошад. Диссертатсияи мазкур таҳқиқоти мукаммал ва мустақилона анҷомёфта ба шумор рафта, муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои фалсафа аз рӯи ихтисоси 09.00.03 – таърихи фалсафа мебошад.

Тақризи мазкур дар ҷаласаи кафедраи фалсафаи Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ аз 25 сентябри 2020, протоколи №2 муҳокима гардида, тасдиқ шудааст.

Раиси ҷаласа,
номзади илмҳои фалсафа, дотсент — Садуллоев М.

Котиби ҷаласа,
номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент — Абдуллоев Н.С.

Лоиҳаи тақриз омода гардид
аз ҷониби доктори илмҳои
фалсафа, профессор — Ибодов М.О.

Имзои дотсент Садуллоев М., дотсент Абдуллоев Н.С., профессор Ибодов М.О.-ро тасдиқ менамоям

Сардори Раёсати кадрҳо ва корҳои махсуси ДДК ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Амиров Ф.А.

Суроға: 735360, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
ш. Кӯлоб, кӯчаи С.Сафаров-16
www.kgu.tj, info@kgu.tj
тел: (+992-833-22) 2-35-06, факс: (+992-833-22) 2-35-06